Эй Билол! Намозро иқомат кун, моро бо он роҳат бидеҳ

Аз Солим ибни Абулҷаъд ривоят аст, ки гуфт: Марде гуфт, ки кош намоз мехондам ва роҳат мешудам. Гӯё сухани ӯро бад шумориданд. Пас, ӯ гуфт: Шунидам, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "Эй Билол! Намозро иқомат кун, моро бо он роҳат бидеҳ."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود]

Марде аз асҳоб гуфт: Кош намоз мехондам ва истироҳат мекардам, гӯё атрофиёнаш ӯро дар ин кор маломат карданд, пас гуфт: Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам, ки мефармуд: Эй Билол! Барои намоз азон бигӯ ва намозро қоим бидор, то онро адо кунем ва бо он осуда шавем. Зеро намоз шомили муноҷот бо Аллоҳ ва роҳате барои руҳу дил аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65095